Ҳеҷ касе аз шумо имон намеоварад, то инки ман барои ӯ аз падар, фарзанд ва тамоми мардум маҳбубтар бошам

Аз Анас (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: "Ҳеҷ касе аз шумо имон намеоварад, то инки ман барои ӯ аз падар, фарзанд ва тамоми мардум маҳбубтар бошам".

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармудаанд, ки имони мусалмон комил намешавад, то инки муҳаббати Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод)-ро бар муҳаббати модар, падар, писару духтар ва тамоми мардум муқаддам бидорад. Муҳаббати Паёмбар итоат ва пуштибонӣ аз ӯ ва тарки маъсиятро тақозо мекунад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/5953